**ХУЛОСАИ**

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи доктории Солиҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи **«Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи доктории Солиҳов Мирзо Одинаевич ба таҳқиқу баррасии масъалаи саҳми Саноии Ғазнавӣ дар зуҳуру ташаккули адабиёти тасаввуфию ирфонӣ ба масобаи олитарин шакли каломи ҳунарӣ, каломи андешасолору хирадмеҳвар, рисолати таърихии дар ин ҷода ба ҷо овардаи шоир ва мароҳили асосии инкишофи назми тасаввуфӣ бахшида шудааст. Пайдоиши каломи ҳунарии тасаввуфию ирфонӣ зуҳури марҳалаи комилан нави таърихӣ дар ҳаёти адабии халқҳои форсу тоҷик, таҷдиди назар ба худшиносӣ ва ҷаҳонбинии ин халқҳо ва маънавиёти ҷомеаи асримиёнагӣ маърифат мешавад. Аз ин рӯ, мавзӯи рисола дар адабиётшиносии тоҷик нав буда, билкул муҳим ва арзишманд аст.

Кори диссертатсионии Солиҳов М. О. ҷанбаи қавии назарию амалӣ дорад. Аҳаммияти назарии кор бо он муайян мегардад, ки диссертант мабоҳиси аслию фаръии мавриди баррасӣ қарор додаи худро бар мабнои ҷадидтарин равишҳои шинохти назми тасаввуфӣ ба андеша гирифта, дар зимни баррасиҳои анҷомдодааш равишҳои нави маърифатиро пешниҳод кардааст. Унвонҷӯ пешниҳодҳои хешро оид ба саҳми Саноии Ғазнавӣ дар ташаккули назми тасаввуфӣ ба таври мудаллал асоснок кардааст. Дар ҳақиқат, қабл аз Ҳаким Саноӣ урафои эҷодкор буданд ва онҳо дар ин ё он навъи адабӣ табъозмоӣ кардаанд, вале ҳеҷ кадоме аз эшон дар эҷоди анвои адабии лирикии махсуси назми тасаввуфӣ ва тадвини девон бо фарогирии кулли анвои адабии тасаввуфӣ иқдоми шоиста нагузоштаанд. Аз ин хотир, Саноӣ ду рисолати сирф таърихӣ ба ҷо овардааст. Яке ин, ки дар такмили анвои адабии манзуми лирикии тасаввуфӣ аз назари муҳтаво саҳми меҳварӣ гузошта, дар таърихи адабиёти тасаввуфии

форсу тоҷик ҳамчун нахустин шоири соҳибдевон эътироф шудааст. Дигар ин, ки Саноии Ғазнавӣ барои аввалин бор дар таърихи назми тасаввуфӣ дар эҷоди нахустин намунаҳои маснавиҳои ирфонӣ-фалсафӣ ва таълимӣ икдом гузошта, ки то вай ҳеҷ собиқае надоштааст. Аз ин ҷиҳат шоир ҳамчун соҳибибтикор шинохта шудааст. Ҳамин тавр, ҷойгоҳи ин адиби нововар дар ташаккули назми тасаввуфӣ муҳимму таъсиргузор буда, аз ин ҷиҳат, ба таври монографӣ таҳқиқ кардани мавзӯи мазкур ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам амалӣ дорои аҳаммият аст.

Нововарии диссертатсияи доктории Солиҳов М. О. дар он мушоҳида мешавад, ки ӯ бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои зуҳуру инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик ва саҳми Саноии Ғазнавиро дар ташаккули адабиёти тасаввуфию ирфонӣ ба таври монографӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор додааст. Масъалаҳои мавриди назари муаллифи диссертатсия дар такя ба дастовардҳои навини назарию амалии шинохт ва таҳқиқи адабиёти тасаввуфӣ, ки дар асарҳои илмӣ-назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба мушоҳида мерасад, мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Унвонҷӯ дар раванди иҷрои кори диссертатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба мавзӯъ, аз методҳои таҳқиқӣ-қиёсӣ, китобхонаӣ, хронологӣ-таърихӣ истифода кардааст. Инчунин, аз равишҳои пажӯҳишии муҳаққиқони адабиёти тасаввуфӣ, ба монанди К. Олимов, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Ш. Сӯфизода, Т. Бройн, Х. Халилӣ, С. Ҳумоюн, М. Ҳиравӣ, М. Разавӣ, М. Мусаффо, Ш. Кадканӣ ва дигарон истифода шудааст.

Диссертатсияи Солиҳов М. О. аз назари сохтор ва бандубаст дорои муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори марбути мавзӯъ буда, аз лиҳози фарогирии масъалаҳо ва сохтори илмӣ матлубу мақбул аст.

Дар се боб ва зерфаслҳои диссертатсияи доктории Солиҳов М. О. масъалаҳои омилҳои сиёсӣ, таърихӣ, мафкуравӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии зуҳури адабиёти тасаввуфӣ, пайдоиши унсурҳои жанрии назми тасаввуфӣ, анвои адабии назми сӯфиёна, вазъи назми тасаввуфӣ то замони Саноӣ, ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноӣ, инқилоби фикрӣ ва таъсири он дар шеъри шоир, бунёнгузории назми тасаввуфӣ тавассути Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, жанрҳои

лирикӣ ва маснавиҳои тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноӣ, навоварии шоир дар мундариҷаи назми тасаввуфӣ, ҳунари шоирии Саноӣ дар назми тасаввуфӣ ва таъсири шоир дар таҳаввули баъдии назми тасаввуфӣ таҳқиқ шудаанд. Муаллиф зимни баррасии масъалаҳои фавқуззикр ба ҷиҳатҳои шохисии сатҳи тафаккури миллии форсу тоҷик, худшиносии ин халқҳо, ки дар марҳалаи нави таърихӣ, дар оғози марҳалаи классикии рушд ба онҳо муяссар шудааст, ғавр кардааст.

Донишмандони Ғарб чунин андеша доштанд, ки халқҳои Шарқ аз мароҳили Бостон ба давраи Эҳё пайванд мешаванд, аммо диссертант ба ин ақида розӣ нашуда, андешаи дигаре пеш меорад, ки қонеъкунанда аст. Ба ақидаи ӯ, кашфи тасаввуфу ирфон ин ақидаро ботил сохт ва мактабҳои фикрии асримиёнагии форсу тоҷик, ки ҳафтоду дуто таъкид мешаванд, боиси ба вуҷуд омадани ҳамин теъдод мактабҳои фикрӣ гардида, аз фарҳанги оламгири ақвоми эронинажод дарак медиҳанд. Макотиби мазкури фикрӣ аз он ҷиҳат риҷҳон доранд, ки фаноро на танҳо камолот, беш аз он бақои ҷовидон маърифат намуда, ба ин восита шакли нави худшиносиро пешниҳод кардаанд, ки он адами яъсу навмедӣ дониста мешавад. Дар ҳамин нукта фаъолияти шахсияти худогоҳ ва ҷӯёи ҷомеа таъйид мешавад.  Ин падида, аз як ҷиҳат, сатҳи баланди маънавиёт ва фарҳанги оламгири халқҳои эронинажодро тасдиқ кунад, аз ҷиҳати дигар, бузургтарин рисолати таърихии ирфонро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба намоиш мегузорад, ки ба сабаби он зовияҳои дид ва равишҳои маърифатӣ зиёд гардида, ба равиши тааммуқ бар моҳияти падидаҳо ва халоқияти инсони худогоҳ таъкид меварзад.

Унвонҷӯ дар баррасии дигар масъалаҳо ҳам аз пайи далелҳои мантиқӣ рафта, дар баррасии мабоҳиси аслию фаръӣ ҳамеша назари шахсии худро баён кардааст. Бо ҳамин равиш мақоми Саноии Ғазнавиро дар таърихи адабиёти тасаввуфӣ, умуман, таҳаввули назми лирикии тасаввуфии форсу тоҷик ва маснавиҳои фалсафӣ-ирфонӣ, махсусан, муайян кардааст. Андешаҳои диссертант оид ба таъсири Саноӣ ба адабиёти давр ва таҳаввули баъдии назми сӯфиёна низ ҷолиб мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсияи доктории Солиҳов М. О. баён гардидаанд, ки асосноку мудаллал мебошанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои умумии диссертатсия мебошанд.

Муҳиммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Солиҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи **«Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик»** тадқиқоти ба итмомрасидаи комил буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи доктории Солиҳов Мирзо Одинаевич дар мавзӯи **«Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

2. **Салихов Шамсидин Аслидинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда** Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод мешавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани **автореферати диссертатсия** дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи **автореферати диссертатсия** бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат додан мумкин аст.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Кӯчарзода
**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ У. Сафар
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Р. Раҳмонов